# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба қабули диссертатсияи Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзӯи «Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «информатика»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзӯи «Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «информатика»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) аз 8- уми ноябри соли 2025 суратмаҷлиси №1 дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

1. **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** - узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 - Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) – раиси комиссия;
2. **Гулова Маърифат Табаровна** – узви шуро, номзади илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (таҳсилоти касбӣ) - аъзои комиссия;
3. **Ҳабибуллозода Кароматулло Ҳабибулло –** номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (таҳсилоти касбӣ) – аъзои комиссия.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Шамсуллозода Диловар Шамсуллоро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба омӯзиш ва татбиқи

технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, баланд бардоштани фарҳанги техникӣ ва бунёди замина ҷиҳати рақамикунонии раванди таълим созгор мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки омӯзиши фанҳои дақиқ ва риёзӣ, аз ҷумла фанни технологияи информатсионӣ дар замони муосир бисёр зарурӣ буда, омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи мазкур яке аз талаботҳои бозори меҳнат ба шумор меравад. Омӯзиши фанни мазкур заҳматталаб буда, таваҷҷӯҳи махсус ва вақти зиёде барои таълими ин фан сарф мешавад. Махсусан дар омодасозии мутахассисони самти информатика вобаста пешравиҳои технологияи иттилоотиву иртиботӣ ва таҷҳизотҳои наву замонавӣ ба таври амиқ донистани фанни мазкур ва истифода бурда тавонистани он барои мутахассисони муосир амри зарурӣ мебошад. Аз ин рӯ, саҳми технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «информатика» ҷиҳати омода намудани мутахассисони баландихтисос ва дорои салоҳиятҳои касбӣ бисёр муҳим мебошад. Лозим ба зикр аст, ки таҳқиқоти мазкур ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мувофиқ буда, барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмҳои табиӣ ва дақиқ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси **13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ** мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси** 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар

Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 4 адади он мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чоп расида ташкил медиҳад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки талаботи банди 35 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба **нашри натиҷаҳои диссертатсия** риоя гардидааст.

**Ҳадафи асосии** таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснокнамоии назариявӣ-методологӣ ва санҷишиву таҷрибавии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар тайёр намудани бакалаврҳои ихтисоси информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Эътимоднокии** натиҷаҳои диссертатсионӣ ба даст оварда шударо муқарраротии илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаҳо таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ-

таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзӯи «Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «информатика»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA- 048 диссертатсияи Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзӯи «Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси «информатика»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57-60- и

Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

**ҚАРОР МЕНАМОЯД:**

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ буда, ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) мебошад. Диссертатсия ба самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи методикаи таълими технологияи иттилоотӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назариявӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи таълими технологияи иттилоотиро ҳангоми таълими бакалаврҳои ихтисоси информатика такмил медиҳанд ва ба рушди таълими технологияи инноватсионӣ-иттилоотӣ, ки дар ҷумҳурӣ мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, мусоидат менамоянд.

3. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд: **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Назарзода Рустам Саидмурод,** номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисӣ – компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

4. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** муайян карда шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физика ва
математика, профессор **Комилӣ А.Ш.**

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои физика ва
математика, дотсент **Гулова М.Т.**

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ **Ҳабибуллозода К.Ҳ.**

*Имзоҳои д.и.ф.м., профессор Комилӣ А.Ш., н. и.ф.м., дотсент Гулова М.Т. ва н.и.п. Ҳабибуллозода К.Ҳ.- ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.